# ҶУСТУҶӮИ КОР ВА ДАРОМАДАН БА КОР

Ҳангоми ҷустуҷӯи кор маслиҳат медиҳем, ки хазинаи умумироссиягии ҷойҳои холии кор (вакансия)-и Хадамоти федералии меҳнат ва шуғл “Работа в России”: trudvsem.ru ва бонки вакансияҳои вилояти Ленинградро истифода баред: www.czn47.ru.

Маслиҳатҳои оддӣ, ки барои даромадан ба кор ёрӣ мерасонанд:

- **қонунӣ кор кунед: патенти** кор ҳуқуқ медиҳад, ки ҳам дар назди шахсони ҳуқуқӣ ҳам дар ташкилотҳо кор кунед, аммо **муносибатҳои кории Шумо бо кордиҳанда ҳатман бояд бо шартномаи меҳнатӣ тасдиқ шуда бошанд**;

> **!** *Аз 05 августи соли 2020 донишҷӯёни хориҷӣ, ки дар шакли рӯзона таҳсил мекунанд, метавонанд дар вақтҳои фориғ аз таҳсил бе патент ва иҷозати кор ба меҳнат машғул шаванд. Барои бастани шартномаи меҳнатӣ ё шартномаи шаҳрвандӣ-ҳуқуқӣ аз онҳо талаб карда мешавад, ки танҳо маълумотнома аз мактаби олӣ ё коллеҷи дорои аккредитатсияи давлатӣ, ки дар вилояти Ленинград таҳсил карданашонро тасдиқ менамояд, пешниҳод кунанд.*

> **!** *Дар Россия рӯйхати 135 касби мутахассисони баландихтисос амал мекунад, ки метавонанд барои гирифтани шаҳрвандӣ бо усули соддашуда дар ҳолати доштани собиқаи беш аз 1-солаи кори қонунӣ дар ФР умед банданд. Муфассалан бо феҳристи касбҳо дар ин сайт шинос шудан мумкин аст www.garant.ru/products/ipo/prime/doc/73476436/*

- **кордиҳандаи худро донед:** ном ва суроғаи ташкилотеро, ки дар он кор мекунед, роҳбари худ (вазифа, насаб, ном, телефон)-ро донед; ин маълумот хеле даркор мешавад, агар ба Шумо зарур шавад, ки барои ҳуқуқҳои худ талош кунед, маоши худро ситонед;
- **ба миёнравҳо муроҷиат накунед**: эҳтиёт кунед – миёнравҳо метавонанд Шуморо ҳамчун қувваи бепули корӣ истифода баранд.

Кори иҷора (аз ҷониби кордиҳандагон ба ташкилотҳои дигар фиристонидани коргарони худ бе расмӣ кунондани муносибатҳои меҳнатӣ) дар Россия манъ аст. Фақат ширкатҳое, ки ҳамчун агентиҳои ҳуқуқии шуғл сабти ном шудаанд, ҳуқуқ доранд, ки меҳнати кормандони худро ба ташкилотҳо ё шахсони воқеии дигар пешниҳод кунанд, дар ин маврид онҳо уҳдадор ҳастанд:

Авторы-составители: Якимов А.Н., Хлызова Д.В.

Редактор: Панич Б.Л.

*Буклет «Миграционный учет, получение патента, устройство на работу. Советы трудовым мигрантам Ленинградской области» (на таджикском языке).*

*Разработан БФ «ПСП-фонд» в рамках проекта «Школа мигранта. Добро пожаловать в Ленинградскую область!» Комитета по местному самоуправлению, межнациональным и межконфессиональным отношениям Ленинградской области.*

БФ «ПСП-ФОНД»



- дар шартномаи меҳнатӣ бо корманди хориҷӣ имконпазир будани иҷрои корро бо тарафи сеюм нишон диҳанд;
- бо корманд дар ҳолатҳое, ки ӯро барои кор барои тарафи сеюм мефиристонанд, шартномаи иловагӣ банданд.

Агар Шумо ба агентии хусусии шуғл муроҷиат кардед – ҳатман пайгирӣ кунед, ки ин шартҳо дар шартномаатон нишон дода шаванд.

> **!** *Ҳамаи агентиҳои хусусии қонунан коркунанда дар феҳристи Роструд сабт шудаанд - реестр Роструда – rostrud.gov.ru/opendata/7712345678-chaz. Ҳатман дар ин феҳрист будани кордиҳандаи худро тафтиш кунед.*

- **бо кордиҳанда шартнома бандед:** кордиҳанда УҲДАДОР аст, ки бо Шумо шартнома бандад ва нусхаи шартномаро ба Шумо диҳад. Намунаҳои шартномаҳои меҳнатӣ ва ҳуҷҷатҳои дигари вобаста ба корро дар ин сайт дидан мумкин аст: онлайнинспекция.рф/documents
- **андоза ва шартҳои пардохти музди меҳнатро аниқ муайян кунед**: Шумо бояд донед, ки чӣ қадар ва барои кадом кор бароятон музд медиҳанд. Андозаи музди меҳнат бояд дар шартномаи меҳнатӣ навишта шавад. Шумо пулро ё ба воситаи корти махсуси бонкии ба номи Шумо тайёршуда, ё шахсан аз муҳосибот бо имзои худ гиред. Дар муҳосибот бояд ба Шумо варақаи ҳисобӣ диҳанд. Ҳар гуна муносибатҳои пулӣ бояд ҳуҷҷатӣ кунонда шаванд. Агар аз Шумо пул қарздор шаванд, аз кордиҳанда забонхат талаб кунед ва онро бо худ нигоҳ доред;
- **Ҳамаи чизеро, ки имзо мекунед, бо диққат хонед, нусхаи онҳоро талаб кунед.** Шумо ҳуқуқ доред, ки аз имзои шартномаҳо, огоҳиҳо ва дигар ҳуҷҷатҳое, ки бо муҳтаво ва шартҳояшон розӣ нестед, даст кашед.
- Ҳуҷҷатҳои худро барои нигоҳдорӣ ба кордиҳанда надиҳед: ҳеҷ кас ба ғайри Шумо шиноснома, иҷозати кор, суғурта, нусхаи шартномаи меҳнатӣ ва дигар ҳуҷҷатҳоятонро нигоҳ дошта наметавонад, инчунин озодии равуои Шуморо маҳдуд карда, телефонатонро кашида гирифта наметавонад. Кашида гирифтани шиноснома ва маҳдуд кардани озодӣ ҷиноят аст: дар ин ҳолатҳо ба политсия муроҷиат кунед!
- **барои гирифтани ёрӣ муроҷиат кунед:** ба политсия, Прокуратура, Инспексияи давлатии меҳнат, суд, ба Ваколатдори ҳуқуқи инсон, ба ташкилотҳои ҷамъиятӣ.

**Дар ҳолати таъхири пардохти музди меҳнат ба Шумо** тавсия медиҳем:

- Дар ҳолате, ки маошро беш аз 15 рӯз дертар диҳанд, Шумо ҳуқуқ доред мутобиқи қисми 2 моддаи 142 КМ ФР ба корфармо оид ба қатъ кардани кор вобаста ба напардохтани маош ариза пешниҳод кунед.
- ба кордиҳанда дар бораи додани нусхаи ҳуҷҷатҳо, ки ба кор дахл доранд, мутобиқи тартиби муқарраркардаи м. 62 КМ ФР – аз ҷумла варақаҳои ҳисобӣ бо ариза муроҷиат кунед;
- агар дар муҳлати 3 рӯзи корӣ ба Шумо нусхаи ҳуҷҷатҳоро надиҳанд, аз болои кордиҳанда ба Инспексияи давлатии меҳнат аризаи шикоятӣ нависед;



- ба корфармо оид ба пардохти қарзи музди меҳнат эътироз байн кунед. Ин эътироз метавонад дастҷамъона бошад. Ҳангоми баррасии ариза кордиҳанда ҳақ надорад, ки Шуморо аз кор хориҷ кунад;

Ҳангоми додани ариза муҳим аст, ки дар нусхаи он имзо ва муҳри корфармо оид ба санаи қабул кардани ариза мавҷуд бошад.

Агар корфармо ба эътироз ҷавоб надиҳад – ба прокуратура ё суд муроҷиат кардан зарур аст. Мутобиқи қ.1 м. 45 Кодекси мурофиавӣ-шаҳрвандии ФР прокуратура ҳуқуқ дорад ба суд барои ҳимояи манфиатҳои кормандоне, ки ҳуқуқҳои меҳнатияшон поймол шудаанд, муроҷиат кунад, инчунин фаъолияти корфарморо тафтиш карда, ӯро ба ҷавобгарии маъмурӣ кашад.

Мутобиқи м. 5.27 КоАП РФ (Кодекси мурофиаи маъмурии ФР) барои ҳар вайронкунии қонунгузории меҳнат, аз ҷумла бе шартномаи меҳнатӣ ба кор роҳ додан, пардохт накардани музди кор ё вайрон кардани расмиёти бастани шартномаи меҳнатӣ корфарморо метавонанд ба миқдори аз 30 то 70 ҳазор рубл ҷарима банданд.

Муроҷиат ва аризаҳои дастҷамъона назар ба муроҷиати шахси алоҳида самарабахштар мебошанд. Дар бораи поймолшавии оммавии ҳуқуқҳои меҳнатии муҳоҷирон мақомоти давлатӣ ва ҳукумати маҳаллиро дар мавзеи ҷойгиршавии корфармо хабардор кардан лозим аст.

Корфармо инчунин уҳдадор аст, ки қонунгузориро дар соҳаи ҳифзи меҳнат риоя кунад – агар шароити меҳнат дар ҷои кори Шумо барои ҳаёт ва саломатӣ хатарнок бошад, корро қатъ карда, таъҷилан ба СК (Кумитети тафтишот) шикоят кунед.

Инспексияи давлатии меҳнати вилояти Ленинград (**Государственная инспекция труда Ленинградской области)**:
git47.rostrud.gov.ru , 8 (812) 612-70-34

Комитети меҳнат ва шуғли аҳолии вилояти Ленинград **(Комитет по труду и занятости населения Ленинградской области)**: job.lenobl.ru/ru, 8 (812) 539-49-11

Маркази шуғли аҳолии вилояти Ленинград **(Центр занятости населения Ленинградской области)**:
www.czn47.ru, 8 (812) 630-47-47, 8 (800) 350-47-47

Прокуратураи вилояти Ленинград **(Прокуратура Ленинградской области)**:
https://epp.genproc.gov.ru/web/proc_47 Санкт-Петербург, ул. Торжковская, 4
+7 (812) 429 77 55

## Ёрии ҳуқуқии бепул:

**БФ «ПСП-фонд»**
сайт: psp-f.org
тел.: 8 (812) 337-57-85, 8 (953) 141-31-09

## Манбаъҳои муҳими иттилоотӣ

**migrantlenobl** – Замимаи мобилӣ ва сайт барои муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо «Добро пожаловать в Ленинградскую область!»

**migrussia.ru** – «Миграция и мигранты: информационный портал» (маслиҳатҳо оид ба мутобиқшавӣ ва дастгирии ҳуқуқӣ барои муҳоҷирон ва мутахассисони бо онҳо коркунанда)



Комитет по местному самоуправлению, межнациональным и межконфессиональным отношениям Ленинградской области

migrantlenobl

**МАКТАБИ МУҲОҶИР**

# Хуш омадед ба вилояти Лениинград!

## Баҳисобгирии муҳоҷират
## Гирифтани муҳоҷират
## Ба кор даромадан

### Маслиҳатҳо ба муҳоҷирон

2020

## АЗ САБТИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОҶИРАТ ГУЗАШТАН

Шаҳрванди хориҷӣ бояд на дертар аз муддати 7 рӯзи ба ҷои зист омадааш дар **баҳисобгирии муҳоҷират** сабти ном кунад; (барои шаҳрвандони Беларус 90 рӯз, шаҳрвандони дигар кишварҳои ИИАО (ЕАЭС) - Арманистон, Қазоқистон, Қирғизистон - 30 рӯз; шаҳрвандони Тоҷикистон – 15 рӯз. ).

Барои ин ба шуъбаи минтақавии Раёсати масъалаҳои муҳоҷирати ВКД Россия (Управления по вопросам миграции МВД России), ба МБ (МФЦ) ё Почтаи Россия (Почта России) муроҷиат кунед. Шуморо бояд оне, ки ба Шумо манзил медиҳад, сабти ном кунад.

**Шумо бояд дар ҳисоби муҳоҷирати суроғае истед, ки он ҷо зиндагӣ хоҳед кард**. Ба шаҳрвандони хориҷӣ, ки қоидаҳои ворид шудан ва режими муҳоҷиратро вайрон мекунанд, аз 5 то 7 ҳазор сомонӣ ҷарима, бо рондан аз Россия ва манъи вуруд ба мӯҳлати 5 сол таҳдид мекунад.

Шаҳрванди хориҷиро тарафи қабулкунанда, ки Шуморо манзил медиҳад, бояд сабти ном кунад. Тарафҳои қабулкунанда инҳо метавонанд бошанд:

- шаҳрванди ФР, ки дар вилояти Ленинград доимӣ сабти ном шудааст; шаҳрванди хориҷӣ, ки дар вилояти Ленинград доимӣ зиндагӣ мекунад;
- шаҳрванди хориҷӣ – молики бинои истиқоматӣ;
- шахси ҳуқуқӣ: ташкилоти кордеҳ, меҳмонхона.

Барои сабти номи муҳоҷират ба ин ҷойҳо муроҷиат кардан мумкин аст:

- ба шуъбаи ҳудудии Раёсати масъалаҳои муҳоҷирати ВКД ФР (Управления по вопросам миграции ГУ МВД РФ) дар Санкт-Петербург ва Ленинград;
- ба маркази бисёрчабҳаи пешниҳоди хизматҳои давлатӣ (МФЦ).

Ба Шумо чунин ҳуҷҷатҳо ва нусхаҳои онҳо зарур мебошанд:

- шиноснома;
- корти муҳоҷират;
- полиси суғуртаи ихтиёрии тиббӣ,
- нусхаи ҳуҷҷате, ки ҳуқуқи истифодаи бинои истиқоматиро тасдиқ мекунад (масалан, шартномаи иҷораи манзил).

**Барои сабти номи баҳисобгирии муҳоҷират зарур аст:**

**1. Аз ду тараф** варақаи махсуси огоҳномаро дар бораи омадани шаҳрванди хориҷӣ ба ҷои истиқомат пур кардан (варақа-огоҳнома бепул дода мешавад):

- дар шуъбаҳои Раёсати масъалаҳои муҳоҷирати ВКД ФР (Управления по вопросам миграции ГУ МВД РФ) дар Санкт-Петербург ва Ленинград;
- дар Марказҳои бисёрчабҳаи пешниҳоди хизматҳои давлатӣ (МФЦ);
- дар шуъбаҳои «Почтаи Россия».

Варақаи махсуси огоҳномаро дар бораи омадан ба шакли электронӣ (ба воситаи портали «Госуслуги» www.gosuslugi.ru бо бурида гирифтани қисми буридашавандаи варақа) ҳам гирифтан мумкин аст.

Варақа аз ду қисм иборат аст. Баъди пур кардан як қисми он ба РММ РШ ВКД ФР фиристода, қисми дигараш дар дасти шаҳрванди хориҷӣ мемонад. Дар ҳарду қисм **ҳатман** суроғаи зист, маълумотҳои шахсии тарафи қабулкунанда ва маълумоти шахсии шаҳрванди хориҷ қайд карда мешаванд. Тарафи қабулкунанда-шаҳрванд дар варақа имзои худро мегузорад.

**2. Фиристодани** огоҳнома бо нусхаи шиносномаи шаҳрванди хориҷӣ, нусхаи шиносномаи шаҳрванди ФР (тарафи қабулкунанда) ва нусхаи корти муҳоҷират ба воситаи «Почтаи Россия» ба Раёсати масъалаҳои муҳоҷирати ВКД ФР дар Санкт-Петербург ва Ленинград.

Огоҳномаро **шахсан** ба МБЧ (МФЦ) ё ба Раёсати масъалаҳои муҳоҷирати ВКД ФР дар Санкт-Петербург ва Ленинград БЕПУЛ фиристондан мумкин аст.

**3. Гирифтани** варақаи буридашаванда бо қайди қабули он аз тарафи кормандони шуъбаҳои Раёсати масъалаҳои муҳоҷирати ВКД ФР дар Санкт-Петербург ва Ленинград, МБЧ (МФЦ) ё “Почтаи Россия».

Баҳисобгирии аввалияи муҳоҷирати шаҳрвандони кишварҳои вуруди бераводид ба ФР ба мӯҳлати на зиёда аз 90 рӯзи гузаштан аз сарҳади ФР дода мешавад, ки **барои кор дар ФР ҳуқуқ намедиҳад**.

**Баъди даромадан ба кор сабти номи муҳоҷиратро мунтазам мувофиқи мӯҳлати амали шартномаи меҳнатӣ (барои шаҳрвандони давлатҳои ИИАО (ЕАЭС) ё патенти пардохтшудаи кор дароз кунанд.**

Шаҳрванди хориҷӣ дар асоси патенти гирифтааш бояд сабти муҳоҷират (регистрация)-и худро дар РММ РШ ВКД ФР дар Санкт-Петербург ва вилояти Ленинград бо пешниҳоди корти муҳоҷират, огоҳнома дар бораи сабти муҳоҷират ва расиди пардохти НДФЛ (патент) дароз кунад.

## ПАТЕНТИ КОР

Ба шаҳрвандони Озарбойҷон, Молдова, Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Украина барои қонунан ба кор даромадан зарур аст, ки **патенти кор гиранд.**

> **!** *Ба шаҳрвандони кишварҳои ИИАО (ЕАЭС) – Арманистон, Беларус, Қазоқистон, Қирғизистон доштани патент талаб карда намешавад. Шартномаи меҳнатӣ ва шаҳрвандӣ-ҳуқуқӣ асоси дароз кардани мӯҳлати истиқомати муваққатии онҳо дар ҳудуди ФР мебошад.*

Дар патент ихтисос мувофиқи Феҳристи умумироссиягии касбҳо нишон дода мешавад. Патент ҳуқуқи истиқомат ва кор карданро бо ихтисоси дар он сабтшуда дар назди ҳар кордиҳанда – ҳох шахси воқеӣ ва ҳох ҳуқуқӣ дар ҳудуди вилояти Ленинград дар ҳар нуқтаи ин ҳудуд ба мӯҳлати амали он медиҳад.

> **!** ***Мӯҳлати пешниҳоди ҳуҷҷатҳо барои тайёр кардани патент – 30 рӯз аз лаҳзаи даромадан ба ФР мебошад.*** *Ин мӯҳлатро риоя кардан ҳатмӣ аст, вагарна барои вайрон кардани мӯҳлати муроҷиат барои гирифтани патенти кор аз 10000 то 15000 рубл ҷарима пешбинӣ шудааст. Барои кор кардан бо ихтисоси дар патент зикрнашуда эҳтимоли аз 4000 то 7000 рубл ҷарима шудан мумкин аст.*

**Дар ёд доред: дар Россия танҳо баъди 18-солагӣ кор кардан ва гирифтани патент мумкин аст!**

Дар ҳар минтақа ягона ташкилоте аст, ки ҳуқуқи гирифтани ҳуҷҷатҳоро барои тайёр кардани патент дорад: дар вилояти Ленинград ин ФГУП «Паспортно-визовый сервис» ВКД Россия мебошад spb.pvsmvd.ru.

Дар ФР бисёр миёнравон (ташкилотҳо ва шаҳрвандони алоҳида) мебошанд, ки ёрии пулакӣ барои гирифтани патент пешниҳод мекунанд. Эҳтиёт кунед, нагузоред, ки Шуморо фиреб диҳанд: барои ёрӣ ба шахсони воқеӣ – ҳамшаҳриён, саркорон, миёнравҳо, ҳатто ба Шумо шахсан шинос ҳам бошанд, муроҷиат накунед, маҳз ҳаминхо аксар вақт ҳуҷҷатҳои қалбакӣ тайёр мекунанд, ки барои ин Шуморо метавонанд ҷарима кунанд ва аз Россия хориҷ кунанд.

Барои гирифтани патент ин ҳуҷҷатҳоро пешниҳод кардан лозим аст:

- ариза барои гирифтани патент (варақаи ариза ва намунаи пур кардани онро аз шуъбаҳои РММ ВКД Россия ё аз сайти гувм.мвд.рф бепул гирифтан мумкин аст);
- шиноснома ва нусхаи он;
- сурати 3х4 ранга, бечило;
- огоҳнома дар бораи сабти муҳоҷират (регистратсия) ва нусхаи он;
- нусхаи тарҷумаи ба забони русӣ дар нотариус тасдиқшудаи шиноснома – дар идораи нотариалие, ки тарҷумон дорад, тайёр карда мешавад;
- корти муҳоҷират бо нишондоди мақсади муҳоҷират “барои кор” бо муҳри ворид шудан ва нусхаи он;
- хулосаи тиббӣ ва сертификат дар бораи набудани касалиҳои нашъамандӣ ва сироятӣ, ки барои атрофиён хатарнок мебошанд, инчунин сирояти ВИЧ ва COVID-19 – дар муассисаи махсуси тиббӣ баъди гузаштани муоина тайёр карда мешавад.

Шаҳрвандони Тоҷикистон ухдадоранд, ки маълумотномаи шакли 086, таҳияшуда дар Тоҷикистонро пешниҳод кунанд.

- полиси суғуртаи ихтиёрии тиббӣ (ДМС) барои шаҳрвандони хориҷӣ;
- ҳуҷҷати тасдиқкунандаи донистани забони русӣ, таърихи Россия ва асосҳои қонунгузории Федератсияи Россия: агар ҳуҷҷат дар бораи хатм кардани муассисаи таҳсилӣ дар ҳудуди СССР то 01.09.1991, ё дар ҳудуди Россия баъди 01.09.1991, ё сертификат дар бораи гузаштан аз санҷиши тестӣ оид ба донистани забони русӣ, таърихи Россия ва асосҳои қонунгузории ФР;
- расид оид ба пардохти андози патент (НДФЛ);

Дар бораи тайёр шудан ва ҳаққонӣ будани патенти кор Шумо аз сайти расмии гувм.мвд.рф дар боби «Проверка действительности разрешений на работу и патентов на осуществление трудовой деятельности иностранными гражданами и лиц без гражданства» маълумот гирифта метавонед.

Мӯҳлати тайёр кардани патент – 10 рӯзи корӣ аст.

Дар асоси патенти гирифта сабти баҳисобгирии муҳоҷират – мӯҳлати амали регистратсияро дароз кардан лозим аст.

Барои кор бо патент Шумо бояд **маблағи пешпардохти муқарраршудаи андоз** (НДФЛ) барои ҳар моҳиояндаи корӣ супоред.

Баъди пардохти НДФЛ патент ба таври автоматӣ ба мӯҳлати пардохтшуда дароз карда мешавад. Дар ҳолати сари вақт пардохт нашудан амали патент аз рӯзи якуми таъхири пардохт қатъ мегардад. Таваҷҷуҳ кунед: ҳисоби моҳҳо аз санаи гирифтани патент сар мешавад, ки дар он сабт гардидааст! Пардохт на дертар аз 1 рӯзи ба охир расидани ҳар моҳи пардохтшудаи кор сурат мегирад. Маблағи андозро ҳармоҳа ва якбора пешакӣ барои чанд моҳ пардохт кардан мумкин аст.

**Ҳатман ҳамаи реквизитҳои пардохти патент ва чекҳои тасдиккунандаи пардохтҳои худро нигоҳ доред!**

**Дар муддати 2 моҳи баъди гирифтани патент Шумо бояд ба РММ ВКД ФР дар Санк-Петербург ва вилояти Ленинград нусхаи шартномаи меҳнатӣ бо кордиҳандаро бо мактуби фармоишии огоҳидор дар бораи қабул фиристед ё шахсан шартномаро ба он ҷо баред, вагарна патенти Шуморо метавонанд ғайри амал эътироф кунанд!**

Баъди анҷоми мӯҳлати амали патент бояд аз ФР хориҷ шуд ё дар мӯҳлати 10 рӯз то анҷоми мӯҳлат патентро дар шуъбаи масъалаҳои муҳоҷирати РММ ВКД Россия дар Санкт-Петербург ва вилояти Ленинград аз нав расмӣ кунонд бо пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зерин: шиносномаи хориҷии мӯҳлати амлаш на кам аз 1 сол, патенти амалкунанда, расид дар бораи пардохти патент барои 12 моҳ, корти муҳоҷират, шартномаи меҳнатӣ ва ҳоҳишномаи кордиҳанда. **Патенти корро чандин маротиба аз нав расмӣ кардан мумкин аст**.

Муфассалан дар бораи дароз кардани мӯҳлати патенти кор Шумо аз сайти расмии РММ РШ ВКД Россия дар Санкт-Петербург ва вилояти Ленинград маълумот гирифта метавонед – 78.мвд.рф/ms

**Дар ҳолати гум кардан ва ё вайрон шудани патент** Шумо метавонед ба шуъбаи муҳоҷирати меҳнатии РММ РШ ВКД Россия дар Санкт-Петербург ва вилояти Ленинград бо ариза дар бораи гирифтани дубликати патент муроҷиат кунед. Ба ариза шиноснома ва нусхаи он, корти муҳоҷират ва нусхаи он, расиди пардохти НДФЛ-и (патент)-ро замима кунед.